**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор**
**______________Ибодуллозода А. И.**
**«____» ноябри ______ 2025**

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик))**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 2, аз санаи 26.09.2025 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 082-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ- ро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад таъин гардида буд.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар доираи татбиқи накшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат намуда, он дар кафедраи таърихи халки тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, пратакори № 4 аз 15, ноябри соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: доктори илмҳои таърих, профессор А. Ҳақназаров, номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, Ғ. Роҳатов, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Д. Раҳматшоев ва муаллимони калон, унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Матлуба Ганҷакова омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Дар бораи таърихи давлатдории аҷдоди халқи тоҷик, аз ҷумла, таърихи ташаккули давлат ва фарҳанги Ҳахоманишиён, маълумоти сарчашмаҳои зиёди таърихиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шаванд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дар диссертатсия гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳамияти имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** аз он иборат аст, ки дар илми таърихнигории муосири тоҷик бори аввал мавзуи низоми далатдории империяи Ҳахоманишиён, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди он, вижагии ташкили ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии низоми давлатдорӣ ва дигар ҷанбаҳои таърихии ташкили ҳокимияти давлатии бузургтарин империяи аҳди қадим мавриди таҳқиқи илмии ҳамаҷониба ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳо, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои омӯзиши таърих ва фарҳанги давраи Ҳахоманишиён, сохтор ва ташкили умури давлатдорӣ, ташкили ҳокимияти давлатӣ дар сарзаминҳои тобеъ, вазъи хшатраҳои шарқӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва робитаи Ҳахоманишиён бо кишвару мардумони ҳамсоя ва дигар масъалаҳо муфид хоҳанд буд. Маводи диссертатсия барои таҳияи корҳои илмӣ доир ба таърихи халқи тоҷик, Эрон ва кишварҳои ҳамҷавор метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки маводи илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсионӣ дар раванди ташкили таълим дар макотиби олӣ аз рӯйи ихтисосҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи кишварҳои Шарқ», «Таърихи умумӣ», «Таърихи фарҳанг» ва ғ. истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои ба даст омадаи рисолаи диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили маълумоти дақиқ ва саҳеҳу боэътимоди сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмии ходимони намоёни давлатӣ, олимон ва муҳаққиқони намоёни ватанӣ ва хориҷӣ доир ба мавзуи рисола асос ёфта, мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқотӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ ба нашр расидаанд ва хулосаву пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати идомаи таҳқиқот доир ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ асоси эътимоди илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад, дар он аст, ки таҳлил ва пешниҳоди маълумоти илмии бадастомада натиҷаи муҳими таҳқиқи ӯ мебошад, ки қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти фикрии ӯро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 8 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

**Дар мукаддима** мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқот баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала тавзеҳ дода шуда, навгониҳо, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мушаххас баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ***«Марҳалаҳои ташаккул ва рушди давлатдории Ҳахоманишиён»*** буда, он аз ду зербоб иборат аст.

Дар боби мазкур бар пояи таҳлил ва баррасии маълумоти доираи васеи сарчашмаҳо ва маводҳои бостоншиносӣ, аз ҷумла, осори муаррихону ҷуғрофиёшиносони юнонӣ ва румӣ, сангнабиштаҳо ба забонҳои қадимаи шарқӣ, адабиёти илмии муосир – олимон ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ собит гардидааст: империяи Ҳахоманишиён дар тӯли бештар аз ду қарн бузургтарин абарқудрати на танҳо Шарқи Қадим, балки ҷаҳон буд. Қабилаҳои порс – бунёдгузорони давлат ва империяи ҷаҳонӣ масири тӯлонии пуршебу фароз ва рушду такомулро аз сар гузарониданд. Сулолаи бонуфузи порсҳо – Ҳахоманишиён бар асоси арзишҳои таҳаммулпазирона, баробарӣ, башардӯстӣ, эҳтиром ба арзишу анъанаҳои мардумони ҳамсоя ва ҳамҷавории нек дар ибтидо ҳокими сарзамини Аншану Парсумаш буданд.

Боби дуюми диссертатсия ***«Асосҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ»*** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар он пояҳои ҳокимияти шоҳаншоҳӣ ва ташкили ҳокимияти марказӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта шуд.

Таҳлили маълумоти сарчашмаҳои хаттии порсӣ ва катибаҳои Ҳахоманишиён таъкид гардидааст, ки Шоҳаншоҳ дар низоми давладорӣ ҳокимияти олиро дар ихтиёр дошта, ҳокимияташ мутлақ ва номаҳдуд буд. Дар қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ҳукми ниҳоиро шоҳаншоҳ мебаровард ва он қатъӣ ва тағйирнопазир буд.

Ниҳодҳои марказии ҳокимият дар пойтахт ва маркази маъмурии асосии давлат шаҳри Шуш фаъолият дошта, тамоми асноди дарбори шоҳӣ – амру фармонҳои шоҳ, асноди муҳимми давлатӣ, қарору номаҳо ва низомномаҳо ва асноду ҳуҷҷатҳои дигари давлатӣ маҳфуз буданд. Ниҳоди муҳимми ҳокимияти марказии Ҳахоманишиён дарбори шоҳаншоҳ буд, ки аксари мансабдорони олирутба, ашрофон, ходимони дарбори шоҳаншоҳӣ ва ҳокимони воҳидҳои маъмурӣ-идорӣ аз наздикони шоҳаншоҳ, пешвоёни сулолаи ҳукмрон ва аъёну ашрофи порс буданд.

Боби сеюми диссертатсия ***«Робитаи байни давлат ва минтақаҳои тобеъ»*** низ аз ду зербоб иборат мебошад. Диссертант бар асоси доираи васеи маълумот ҷой ва мақоми мақомоти воҳидҳои идорӣ-маъмурӣ,

салоҳиятҳои мансабдорони воҳиди маъмурӣ – хшатравапан (сатрап), девондори шоҳ ва сипаҳсолор, ба хусус робитаи онҳоро бо сардори давлат – шоҳро баррасӣ гардида, муаллиф ба хулоса меояд, ки назорати ҳокимияти марказӣ аз болои фаъолияти онҳо ҳамаҷониба ва пурсамар буд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки умумияти қавмиву фарҳангӣ миёни минтақаҳои ғарбӣ ва шарқӣ, аз як тараф ва муносибати таҳаммулпазиронаи ҳокимони империяи Ҳахоманишиён ба барқарор гардидани робитаҳои наздик миёни ҳокимияти марказӣ ва мардумони хшатраҳои шарқӣ мусоидат намуд. Пайомади мусбати дигари ҳамроҳшавӣ ба ҳайати абарқудрати дунёи қадим дохил гардидани сарзаминҳои шарқӣ ба муомилоти тиҷоратӣ ва робитаҳои фарҳангии ҷаҳонӣ, рушди фарҳангҳои маҳаллӣ ва ворид гардидани арзишу анъанаҳои фарҳангии мардумони сарзаминҳои ғарбӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми ориётабори шарқӣ буд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) мутобиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо

низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар қисми дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ асарҳои бархе муҳаққиқони тоҷик зикр гардидааст, ки таълифоти онҳо ба мавзуи мазкур номукаммал аст. Ҳамчунин дар диссертатсия, аз баъзе маводи таълимӣ истифода гардидааст, хуб мешуд, ки ба ҷои онҳо аз таҳқиқоти ҷиддии марбути мавзуи империяи Ҳахоманишиҳо истифода мешуд.

2. Диссертант оид ба масъалаи юриши Куруши Кабир ба Осиёи Миёна назари мустақилонаи худро баён накардааст. Зеро масъалаи ҷанг миёни Ҳахоманишиҳо ва қабилаҳои саку массагетҳо бо сарварии малика Томирис ҳоло ҳам ҳалталаб боқӣ мондааст.

3. Дар диссертатсия аз таҳқиқоти муҳаққиқони соҳа истинод оварда бошад ҳам, мулоҳизаҳои худи муҳаққиқ, муқоисаи ақидаҳои олимони соҳа доир ба ин мавзуъ камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки дар ин бобат андешаҳои худро фарохтар баён медошт.

4. Нишон додани маълумотҳои оморӣ (ҷадвал) дар кори диссертатсионӣ ба ҳайси маводи асосии мавриди таҳқиқ мавқеи асосӣ ва муҳим доранд, лекин на дар ин шакле, ки дар ин кори диссертатсионӣ оварда шудааст. Ҳамчун саҳифаи алоҳида замима мегардид, ҳам саҳифаи диссертатсия ба талабот мувофиқ мешуд, ҳам ҳаҷми замима ба чашм намерасид.

5. Дар диссертатсия камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», номзади илмҳои таърих Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (протоколи № 4 аз 15 ноябри соли 2025) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

**Ташхисгар, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Котиби ҷаласа** **Ёров Муҳаммадҷон**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121 ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383 Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода Саидвалӣ**

“15” ноябри 2025